**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Собиров Мирали Шералиевич «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Унвонҷӯ рисоларо саҳеҳ ва дар сатҳи баланди илмӣ ба риштаи таҳлил кашида, зимни таҳия ва омодасозии он аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ як қатор тавсияву пешниҳодҳои илман асоснок намудааст. Гузашта аз ин, ҳангоми таҳияи рисола бевосита ба осори олимони ватаниву хориҷӣ такя намудааast. Ҳамзамон таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Кодексҳои мурофиавии ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ мазмуну муҳтавои рисоларо пурғановат гардонидааст.

Бояд зикр намуд, ки унвонҷӯ Собиров М.Ш. соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, соли 2018 онро бо

дипломи аъло хатм намудааст. Худи ҳамон сол ба риштаи магистратураи факултети мазкур дохил шуда, онро низ соли 2020 бо дипломи аъло хатм менамояд. Номбурда аз соли 2018 инҷониб дар вазифаи ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории донишгоҳ кору фаъолият менамояд. Аз соли 2021 инҷониб ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи болозикр маҳсуб меёбад. Хотирнишон бояд сохт, ки муҳаққиқ дорои сифатҳои хуби ахлоқию сиёсӣ, рафтори намунавӣ ва ҷаҳонбинии васеи илмӣ буда, шахси масъулиятшинос аст ва фаъолияти илмиву эҷодии худро ба таври дахлдор ба анҷом мерасонад. Мавсуф аз соли 2018 то соли 2023 масъулияти раиси Созмони ҷавонони факултетро ба зимма дошта, айни замон ҳамчун сармуҳаррири рузномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-и факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, пайваста дар ҳамоишҳои илмии сатҳи гуногун фаъолона ширкат варзида, маърӯзаҳо қироат менамояд. Аз замони фаъолият то кунун ҳамчун омӯзгор аз фанҳои «ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» ва «назорати прокурорӣ» ба шогирдон дарс мегӯяд. Ҳаммуаллифи ду васоити таълимӣ аз фанни ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дилбохтагӣ ва таваҷҷӯҳи ҳамешагии ӯ ба масъалаҳои мубрами мурофиаи ҷиноятӣ боис гардидаанд, ки муҳаққиқ мавзуи мазкурро ҳамчун мавзуи рисолаи номзадӣ интихоб намуда, дар пайвандӣ ба он як тадқиқоти арзишманди комили илмиро ба итмом расонидааст.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.**

Оид ба муҳтавои диссертатсия унвонҷӯ 2 воситаи таълимӣ, 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба нашр расонидааст. Дар интишорот таклифу пешниҳодҳо ва хулосаву тависияҳои муаллиф дарҷ гардидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии муаллиф дар он ифода меёбад, ки ӯ вобаста ба мавзуи мазкур навгониҳо ва нуктаҳои илмие манзур намудааст, ки онҳо метавонанд минбаъд барои рушду такомули илми кишвар ба вижа КМҶ ҶТ мусоидат намоянд. Ҳамчунин вобаста ба мавзуи мазкур муаллиф дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мақолаҳои илмӣ пешниҳод намуда, маърузаҳо қироат намудааст.

Аҳаммияти рисолаи мазкур дар он зоҳир меёбад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, метавонанд барои аз байн бурдани мушкилоте, ки дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ ба назар мерасанд хидмат намоянд ва дар ин замина барои рушду такомули илми кишвар аз ҷумла моддаҳои дахлдори Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ аз ҳар ҷониб мусоидат намоянд. Гузашта аз ин, мумкин аст ҷамъи онҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ ҳангоми тадриси фанни «ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «назорати прокурорӣ» ва «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» мавриди истифода қарор дод.

Мақсад аз навиштани рисолаи мазкур нигоштани як қатор хулосаву пешниҳодҳо ҷиҳати бартараф намудани бархе аз мушкилоти вобаста ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҷойдошта, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ ва судӣ ба назар мерасанд, маҳсуб меёбад. Зеро, риоя ва иҷроиши ин принсип ҳам дар давраи тафтишоти пешакӣ ва ҳам дар давраи судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, вазифаи аввалиндараҷаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва судӣ ба ҳисоб меравад.

Аз рӯйи мақсадҳои гузошташуда, дар рисола вазифаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтааст:

– таҳлилу омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳуми принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ;

– муайян кардани таърихи пайдоиш ва ташаккули эҳтимолияти бегуноҳӣ;

– омӯзиши ҷой ва нақши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ;

– муайян намудани амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва оқибатҳои мурофиавии он дар давраи тосудии мурофиаи ҷиноятӣ;

– амалишавӣ ва риояи принсипи эҳтимолити бегуноҳӣ дар давраи судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

– омӯзиши таҷрибаи байналхалқии принсипи эхтимолияти бегуноҳӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба чунин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар рисола тарзи риоя ва амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд ба риштаи таҳлил кашида шуда, дар ин замина аз ҷониби муаллиф як қатор таклифу пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ки метавонанд барои риоя ва иҷроиши пурра, ҳамаҷониба ва холисонаи ин принсипи калидӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ нақшгузор бошанд, манзур гардидааст. Ҳамчунин дар рисола мафҳумҳои нав, тағйиру иловаҳо ба моддаҳои дахлдори КМҶ ҶТ, амалишавии ин принсип дар давраҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ ва ғайра пешниҳод гардидааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, асоснокии он ва дараҷаи коркарди илмӣ нишон дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ» ном гирифтааст мафҳум, моҳият ва аҳамияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, таърихи пайдоиш, эътирофу мустаҳкамнамоии меъёрию ҳуқуқӣ ва инкишофи принсипи эҳтимолияти

бегуноҳӣ ва инчунин ҷойи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва алоқамандии он бо дигар принсипҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф зимни тадқиқоти диссертатсионии худ паҳлуҳои гуногуни онро зери пажуҳиш қарор дода, иброз медорад, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ марҳилаҳои гуногунро сипарӣ намудааст, то ки дар қонунгузории мурофиавии давлатҳо инъикоси воқеии худро пайдо намояд. Танҳо бо мурури замон ин принсип хусусияти мурофиавӣ-ҷиноятиро касб намуда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати яке аз принсипҳои асосии мурофиавии ҷиноятӣ шинохта шудааст. Моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он аст, ки намегузорад шахс ғайриқонунӣ ва беасос аз озодӣ маҳрум гардад. Яъне, принсипи мазкур кафолатдиҳандаи озодии инсон аз ҳар гуна таҷовузҳои беасосу ғайриқонунӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин диссертант оид ба мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки дар моддаи 20-и Конститутсияи ҶТ ва моддаи 15-и КМҶ ҶТ оварда шудааст, изҳори назар намуда, мафҳуми нави онро, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардидааст, пешниҳод менамояд. Зикр мегардад, ки дар дилхоҳ парвандаи ҷиноятӣ, новобаста аз шакли содиршавии он принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар алоқамандӣ бо якдигар фаъолият намуда, яке дигареро пурра мегардонанд. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипест, ки фаъолияти он аз лаҳзаи дастгир намудани шахс оғоз мегардад ва бидуни он дигар принсипҳо фаъолияти босамари худро ба роҳ монда наметавонанд. Яъне, принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бо ҳама принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, вобаста ба ҳолати муайян дар алоқамандии зич қарор дошта, амали ҳамаҷонибаи онҳоро кафолат медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия «Таъмини амалӣ намудани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраҳои алоҳидаи мурофиаи ҷиноятӣ: мушкилот, роҳу воситаҳои ҳалли он ва дурнамои инкишоф» номгузорӣ шуда, дар доираи он ҳамчунин амали принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар даврай тосудии мурофиаи ҷиноятӣ, амалишавии принсипи

эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф иброз медорад, ки новобаста аз оне ки парванда дар кадом давраи мурофиавӣ қарор дорад принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба таври пурра амал менамояд ва то эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд фаъолияти худро қатъ наменамояд. Унвонҷӯ зимни таҳия ва омодасозии рисола аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ бевосита ба осори олимони ватаниву хориҷӣ такя намудааст. Ҳамзамон дар рисола Кодексҳои мурофиавии ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шудаат, ки барои боз ҳам мукаммалтар гардидани кор мусоидат намудааст.

Бо дарназардошти оне ки имрӯз дар Кодексҳои мурофиаи ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба ҳама субъектҳои зарурӣ татбиқ намегардад, муаллиф таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ намуда, бо хулосаҳои илман асоснок амали онро ба ҳама субъектҳои дахлдор (гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда) роиҷ донистааст. Ҳамин аст принсипи конститутсионии побарҷо намудани адолати судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ таҳти унвони «эҳтимолияти бегуноҳӣ».

Мавзуи диссертатсия, мундариҷаи он ва хулосаву тавсияҳои манзурнамудаи муаллиф дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Ҳамчунин адабиёти дар диссертатсия истифодашуда низ ба пуррагӣ дурусту саҳеҳ мебошанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявӣ, амалӣ ва инчунин тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорие, ки дар рисола дарҷ ёфтаанд барои муҳити илми ватанӣ зарур буда, ҳамзамон барои такмили Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот, муаллиф амалияи мақомоти тафтиши пешакӣ ва тафтиши судии кишвар, таҳлили парвандаҳои судҳои ноҳияҳои шаҳри Душанберо, ки барои такмил додани рисола аз ҷиҳати амалӣ зарур буд, ба таври фаррох мавриди омӯзиш ва истифода қарор додааст.

Бояд иброз намуд, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, ба вижа принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

Тавре зикр гардид аз рӯйи мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф 2 воситаи таълимӣ, 14 мақолаи илмӣ (4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ) ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба нашр расидааст.

Ҳамаи онҳо мубрамият ва зарурияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро ифода намуда, навгонии илмӣ доранд, ки ин бевосита аз коркард ва саҳми муаллиф вобаста ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат медиҳад. Ҳамчунин, ҳар як боб ва зербобҳои диссертатсия ба пуррагӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта дар интиҳо хулосаву пешниҳодҳои мушаххас оварда шудааст.

Дарвоқеъ, андешаҳои болозикр далели равшани навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб ёфта, бевосита саҳми мустақилонаи муаллифро зимни омодасозии рисола нишон медиҳанд. Хулосаву тавсияҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рисола оварда шудааст ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ илман асосноканд.

Дар маҷмуъ ин ҳама мусоидат ба он намудааст, ки таҳқиқоти илмӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

Бо ин назардошт диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва**
**назорати прокурории факултети**
**ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Маҳмудов И.Т.**

**Суроға:** 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
**Тел.:** (+992935-04-43-52);
**Email.:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Имзои Маҳмудов И.Т.- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавкиев Э.Ш.**
**«06» март 2024 с.**